ШАРТНОМА № 21/4

оид ба таҳия ва татбиқи пилотии барномаи электронии “eTib” дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе

ш. Душанбе «6» мае соли 2026

Корхонаи воҳиди давлатии “Шаҳри ҳушманд (Smart city)”-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, минбаъд КВД “Шаҳри ҳушманд (Smart city)” номида мешавад, дар шахсияти директор Самадзод Саъди Хайрулло, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, аз як тараф ва

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ватан ИКТ”, ки минбаъд “Ватан ИКТ” номида мешавад, дар шахсияти директори генералӣ Рустамзода Обид Карим, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, шартномаи мазкурро бо мазмуни зерин имзо намуданд:

1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Бо мақсади татбиқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 1 ноябри соли 2025, таҳти №714 “Дар бораи татбиқи барномаи электронии “eTib” дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ” барои таҳия ва татбиқи пилотии барномаи электронии “eTib” дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе ва амалӣ намудани хизматрасонии он тибқи шартҳои шартномаи мазкур ва замимаҳои он ба роҳ монда мешавад.

1.2. Нархномаи таҳия ва татбиқи пилотии барномаи электронии “eTib” дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе, дар Замимаи №1-и шартномаи мазкур муқаррар карда шудааст.

1.3. Тарафҳо эътироф менамоянд, ки ҳуқуқҳои комили муаллифӣ ва дигар ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ба барномаи электронии “eTib” ва ҳамаи қисматҳои он (таъминоти барномавӣ, замимаҳои электронӣ, барномаи мобилӣ ва дигар маҳсулоти барномавӣ) пас аз пурра татбиқ гардидани барномаи электронии “eTib” дар тамоми муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе, ҳисоббаробаркунӣ ва пардохти маблағ тибқи нархномаи тасдиқшуда аз “Ватан ИКТ” ба КВД “Шаҳри ҳушманд (Smart city)” супорида мешавад.

1.4. Тарафҳо барои татбиқи пилотии барномаи электронии “eTib” аз муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе маблағ ҷамъоварӣ наменамоянд. Истифодаи хизматрасониҳои муздноки барномаи электронии “eTib” тибқи шартномаҳои иловагӣ амалӣ карда мешавад.

1.5. КВД “Шаҳри ҳушманд (Smart city)” барои самаранок гардонидани фаъолияти барномаи электронии “eTib” ҳуҷраи корӣ барои маркази тамос (Call center) созмон дода, бо лавозимоти корӣ таъмин менамоянд.

1.6. “Ватан ИКТ” дар ҳуҷраи кории ҷудошуда барои татбиқи барномаи электронии “eTib”, барномаи маркази тамосро (Call center) насб намуда, онро бо кормандон таъмин ва реҷаи кории онро дар мувофиқа бо КВД “Шаҳри ҳушманд (Smart city)” пешниҳод менамояд.

2. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

2.1. Тарафҳо ҳуқуқ доранд:

2.1.1. Дар доираи Шартномаи мазкур ба якдигар дастгирии зарурии иттилоотӣ, техникиро аз руи шартҳои ба якдигар муфид расонанд.

2.1.2. КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" ҳуқуқ дорад, барои бемаҳал ё нопурра таъмин намудани хизматрасониҳо, аз "Ватан ИКТ" ба андозаи 0,1% аз арзиши хизматрасониҳо, аммо на бештар аз 5% аз ин маблағ, ҷарима талаб намояд.

2.1.3. "Ватан ИКТ" ҳуқуқ дорад, барои пардохт накардан ё нопурра пардохт намудани маблағи хизматрасониҳо аз КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" ба андозаи 0,1% аз арзиши хизматрасониҳо барои ҳар як рӯзи пардохтнашуда, аммо на бештар аз 5% аз ин маблағ, ҷарима талаб намояд.

2.1.4. "Ватан ИКТ" ҳуқуқ дорад барои таҳия ва татбиқи барномаи электронии "eTib" дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе, мутахассисони дигар Ширкатро аз ҳисоби худ ҷалб намояд.

2.2. Тарафҳо уҳдадоранд:

2.2.1. Бо мақсади татбиқи барномаи электронии "eTib", уҳдадориҳои худро ба таври муносиб тибқи Шартномаи мазкур иҷро намоянд.

2.2.2. Барои татбиқи барномаи электронии "eTib" кормандони масъули худро таъин намоянд.

2.2.3. Барои амал ва беамалии кормандони худ, ки боиси вайрон намудани шартҳои Шартномаи мазкур, инчунин дастрасии ғайриқонунӣ ба барномаи электронии "eTib" ва ё ягон қисмати он, ҷавобгарии пурраро иҷро намоянд.

2.3. КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" уҳдадор аст:

2.3.1. Ҷиҳати татбиқи пилотии барномаи электронии "eTib" дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе бо мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дахлдор ҳамкорӣ намуда, барои амалишавии барнома мусоидат намояд.

2.3.2. Дар рафти татбиқи пилотии барномаи электронии "eTib" мусоидат намояд ва заминаҳои зарурӣ фароҳам орад, вобаста ба масъалаҳои татбиқнамоии барномаи электронии "eTib" ёрии иттилоотӣ, машвератӣ ва техникиро расонад.

2.4. "Ватан ИКТ" уҳдадор мебошад:

2.4.1. Барномаи электронии "eTib"-ро бо назардошти Супориши техникӣ ва дархосту пешниҳодҳои КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" бо сифати баланд ва ҷавобгӯй ба меъёрҳои техникӣ дар шакли веб ва замимаи мобилӣ (Android ва IOS) таҳия намояд.

2.4.2. Фаъол ва коршоям будани барномаро дар шабакаи Интернет ва замимаҳои мобилии Android ва IOS дар реҷаи 24/7 таъмин намояд.

2.4.3. Кори маркази тамосро (Call center) тибқи реҷаи мувофиқашуда ташкил намуда, онро бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин намояд.

2.4.4. Барои мунтазам ворид намудани маълумоти зарурӣ ба барнома ба шахсони масъули муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе мусоидат намояд ва шахсони масъулро барои иҷрои ин кор вобаста намояд.

2.4.5. Ҳангоми зарурат бо дархости КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" ба барнома бо ба имзо расонидани Созишномаи иловагӣ ва маблағгузории иловагӣ, тағйироту иловаҳо ворид намояд.

2.4.6. Тибқи тартиби муайянгардида ҷиҳати омӯзиши тарзи корбарӣ бо барнома барои кормандони муассисаҳои тиббӣ тренингу вохӯриҳо ташкил ва баргузор намояд.

2.4.7. Ҷиҳати тарғибу ташвиқи барнома тавассути сомонаи расмӣ наворҳои видеоӣ ва мақолаҳо нашр намояд.

2.4.8. Ба кормандони масъули КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" барои иҷрои корҳои вобаста ба барномаи электронии "eTib", дастрасиро ба низоми маълумотҳо ва муассисаҳои тиббӣ таъмин намояд.

2.4.9. Ҳар як ҳуҷҷат/иттилоот вобаста ба барномаи электронии "eTib", ки Ватан ИКТ дар сомонаи расмӣ ҷойгир намуданро дорад, бо КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" расмӣ мувофиқа намояд.

2.4.10. Барои кори барномаи электронии "eTib" ба муҳлати 2 (ду) сол муҳлати кафолатӣ, аз рӯзи имзои Санади қабул ва Санади иҷроиши корҳо, пешниҳод намояд. Дар давраи кафолатӣ ҳамаи камбудиҳо ва нуқсонҳои ошкоршуда аз ҳисоби Ватан ИКТ дар муҳлатҳои мувофиқ бартараф карда шавад.

2.4.11. Ҳуқуқҳои ба ӯ тибқи Шартномаи мазкур додашударо ба шахсони сеюм надиҳад.

2.4.12. Ватан ИКТ махфияти маълумоти ибтидоии ба КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)" додашударо таъмин намояд.

2.4.13. Омузиши мутахассисони КВД "Шаҳри ҳушманд(Smart city)"-ро гузаронида, кодҳои ибтидои(исходные коды)-и барномаро, пас аз пурра татбиқ гардидани барномаи электронии "eTib" дар тамоми муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе ба КВД "Шаҳри ҳушманд(Smart city)" супорад.

3. АРЗИШ ВА ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

3.1. Арзиши умумии корҳо мутобиқи Нархномаи замимагардида, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошад, барои 6 (шаш) муассисаи тиббӣ 2 970 420 (Ду миллион нухсаду хафтод хазор чорсаду бист) сомонӣ бо назардошти андозҳо муайян карда мешавад.

3.2. Пардохт тибқи марҳилаҳои зерин анҷом дода мешавад:

- 40 (чил)% - ҳумчун пешпардохт дар шакли ғайринақдӣ ба суратҳисоби бонкии Ватан ИКТ дар давоми 7 рӯзи бонкӣ аз лаҳзаи имзои шартнома дар асоси дархости расмӣ ва ҳисобнома-фактура анҷом дода мешавад.
- 50 (панҷоҳ)% - тибқи ҷадвали иҷроиши корҳо
- 10 (даҳ)% - дар давоми 7 (ҳафт) рӯзи корӣ, баъд аз қабули санади иҷроиши корҳо тибқи замимаи №1, омузонидани мутахассисони КВД "Шаҳри ҳушманд(Smart city)", пурра ба истифода додани кори барнома ва супоридани кодҳои ибтидои(исходные коды)-и барнома ба КВД "Шаҳри ҳушманд(Smart city)", ба Ватан ИКТ пардохт мегардад.

4. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

4.1. Барои иҷро накардан ё ба таври муносиб иҷро накардани уҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур, Тарафҳо мувофиқи шартҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд.

4.2. Дар сурати ба миён омадани баҳсу ихтилофҳо оид ба Шартномаи мазкур, инчунин дар ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба Шартнома, Тарафе, ки ҳуқуқи он вайрон шудааст, ҳуқуқ дорад ба Тарафи дигар шикоят ирсол намояд. Тарафе, ки шикоят гирифтааст, бояд дар

муҳлати на бештар аз 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи тавассути гирифтани он, ба он ҷавоб диҳад.

5. МАХФИЯТ

5.1. Тарафҳо уҳдадоранд тамоми маълумоти вобаста ба иҷрои Шартномаи мазкур, аз ҷумла маълумоти техникӣ ва барномавӣ, ки дар рафти иҷрои корҳо дастрас гардидаанд, бе розигии хаттии пешакии Тарафи дигар ба шахсони сеюм ифшо накунанд.

5.2. Ин уҳдадорӣ ба маълумоти дастраси умум татбиқ намегардад.

6. ФОРС-МАЖОР

6.1. Ба ҳолатҳои форс-мажор танҳо ҳолатҳое дохил мешаванд, ки бо ҳуҷҷатҳои ваколатдори давлатӣ тасдиқ шудаанд ва мустақиман ба иҷрои уҳдадориҳо таъсир мерасонанд.

6.2. Дар чунин ҳолатҳо, Тарафҳо бо пешниҳоди маълумоти тасдиққунанда якдигарро огоҳ намуда, барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ҷавобгар намебошанд ва муҳлати иҷрои уҳдадориҳо ба муҳлати амали ҳолатҳои форс-мажор тамдид карда мешавад.

7. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

7.1. Ҳамаи баҳсҳо ва мухолифатҳои байни Тарафҳо нисбати Шартномаи мазкур бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

7.2. Ҳангоми ҳал нашудани баҳсҳо дар рафти гуфтушунидҳо, баҳсҳо дар суд мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

8. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА, ТАҒЙИРОТ ВА ҚАТЪШАВӢ

8.1. Шартнома аз лаҳзаи имзо эътибор пайдо намуда, то 31 декабри соли 2026 амал менамояд.

8.2. Тағйирот ва иловаҳо танҳо бо созиши хаттии Тарафҳо эътибор доранд.

8.3. Шартнома метавонад пеш аз муҳлат бо созиши хаттии Тарафҳо ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шавад.

8.4. Ҳар яке аз Тарафҳо ҳуқуқ дорад Шартномаи мазкурро бо огоҳии хаттӣ на камтар аз 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пеш қатъ намояд. Дар ин ҳолат ҳисоббаробаркунӣ барои корҳои иҷрошуда анҷом дода мешавад.

9. ШАРТҲОИ ДИГАР

9.1. Шартнома дар ду нусхаи дорои қувваи ҳуқуқии баробар таҳия гардидааст.

9.2. Замимаҳо қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошанд.

9.3. Огоҳиномаҳо ва мактубҳои расмӣ танҳо дар шакли хаттӣ тавассути почтаи электронӣ ва (ё) хаттӣ бо тасдиқи қабул эътибор доранд.

10. СУРОҒА ВА МУШАХХАСОТИ ТАРАФҲО

КВД “Шаҳри ҳушманд”-и МИҲД
шаҳри Душанбе
Мушаххасоти бонкӣ:
РМА020051839
р/с 20202972101725101000
дар БДА ЧТ «Амонатбанк»
БИК 350101626
к/с20402972316264

Суроғаи ҳуқуқӣ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҷ.Икромӣ 4

Директор:

_____ **Самадзод С.Х.**
(ҷои имзо) ҷ.м.

ҶДММ “ВАТАН ИКТ”

Мушаххасоти бонкӣ:
Бонк: ҶСК ТАҚХ “Имон Интернешнл”
РМБ:350501876
С/мур:20402972958761
С/ҳ: 20202972203000000178

Суроғаи ҳуқуқӣ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, М. Турсунзода 27 “А”

Директори генералӣ:

_____ **Рустамзода О.К.**
(ҷои имзо) ҷ.м.

Замимаи №1
Шартнома оид ба таҳия ва татбиқи пилотии барномаи электронии “eTib” дар муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе
№_____ аз «_____» _____ соли 2026

Нархномаи таҳия ва татбиқи барномаи электронии “eTib” барои як муассисаи тиббии шаҳри Душанбе

№	Номгӯй	намуд	мик.	арзиш бо сомонӣ	маблаг бо сомонӣ
1	I. СОЗДАНИЕ И ВНЕДРЕНИЕ ПЛАТФОРМЫ eTib (WEB-платформа)				
	1.1. Внедрение сервиса регистрации и учета пациентов ● Внедрение централизованного реестра пациентов ● Внедрение учета персональных, паспортных и контактных данных ● Внедрение поиска пациентов по уникальному идентификатору ● Внедрение ведения амбулаторных и стационарных медицинских карт ● Внедрение учета и хранения документов, удостоверяющих личность пациента	Разработка	1	40 000,00	**40 000,00**
	1.2. Внедрение сервиса печати медицинских документов ● Внедрение печати талонов амбулаторного пациента ● Внедрение печати медицинских карт и выписных документов ● Внедрение настройки печатных форм документов	Разработка	1	26 000,00	**26 000,00**
	1.3. Внедрение сервиса управления расписаниями врачей ● Внедрение расписания врачей ● Внедрение электронной записи пациентов ● Внедрение учета принятых и неявившихся пациентов ● Внедрение учета нагрузки врачей ● Внедрение автоматической отчетности по приему	Разработка	1	40 000,00	**40 000,00**

	1.4. Внедрение административного сервиса • Внедрение централизованного администрирования • Внедрение управления подразделениями • Внедрение протоколирования действий пользователей • Внедрение резервного копирования и восстановления данных	Разработка	1	30 000,00	**30 000,00**
	1.5. Внедрение сервиса статистики и отчетности • Внедрение статистики обращений пациентов • Внедрение учета записей на прием • Внедрение аналитических отчетов • Внедрение экспорта отчетов в PDF и Excel	Разработка	1	30 000,00	**30 000,00**
	1.6. Внедрение сервиса интеграции • Внедрение интеграции с госпитальными медицинскими системами • Внедрение сохранения накопленных медицинских данных • Внедрение основы электронной медицинской карты	Разработка	1	24 000,00	**24 000,00**
	1.7. Внедрение сервиса безопасности • Внедрение аутентификации сотрудников • Внедрение ролевого доступа • Внедрение защиты каналов передачи данных • Внедрение журналирования и мониторинга действий • Внедрение защищенного доступа к системе	Разработка	1	40 000,00	**40 000,00**
2	**II. КЛИЕНТСКАЯ ЧАСТЬ (WEB + iOS / Android)**				
	2.1. Онлайн-запись на прием • Просмотр расписаний врачей • Онлайн-запись и самозапись пациента • Просмотр доступных номерков • Возможность отмены записи	Разработка	1	40 000,00	40 000,00
	2.2. Личный кабинет пациента • Авторизованный доступ пациента • Просмотр истории записей • Доступ к данным медицинской карты • Просмотр назначений и рекомендаций • Просмотр результатов приемов	Разработка	1	50 000,00	50 000,00

	2.3. Автоматические уведомления ● Push-уведомления (мобильные приложения) ● Напоминания о дате, времени и месте приема	Разработка	1	20 000,00	20 000,00
	2.4. Статистика использования клиентских сервисов ● Учет количества онлайн-записей ● Анализ отмененных и отклоненных записей ● Статистика использования WEB-портала и мобильных приложений	Разработка	1	30 000,00	30 000,00
3	III. СОПРОВОЖДЕНИЕ И ПОДДЕРЖКА (24 месяца)				
	3.1. Техническое сопровождение ● Отладка и исправление ошибок ● Доработка функционала по востребованию	Два года	1	22 000,00	22 000,00
	3.2. Оцифровка медицинских карт ● Сканирование медицинских карт, находящихся в медучреждениях ● Структурирование данных	Два года	1	22 000,00	22 000,00
	3.3. Обучение медицинского персонала ● Проведение обучающих тренингов ● Подготовка учебных материалов ○ брошюры ○ видео-обучающие туториалы	Два года	1	20 000,00	20 000,00
	3.4. Маркетинг и информирование населения ● Разработка и печать информационных материалов по запросу ● Ведение и информирование граждан через социальные сети	Два года	1	24 000,00	24 000,00
	3.5. Менеджеры по работе с медучреждениями ● Сопровождение медучреждений ● Координация внедрения и эксплуатации	Два года	1	22 000,00	22 000,00
	3.6. Колл-центр для населения ● Консультации по работе платформы ● Помощь пациентам при использовании сервиса	Два года	1	15 070,00	15 070,00
				ХАМАГӢ:	495 070,00

ИМЗОИ ТАРАФҲО

«КВД "Шаҳри ҳушманд (Smart city)"»

_____Самадзод С.Х.

«Ватан ИКТ»

_____Рустамзода О.К.